**«Тасдиқ мекунам»:**
Ректори Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" номзади илмҳои таърих, дотсент Набизода М.С. ___________
«_26_» ________12________2025

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр (Эшонқулова Муслима Бахтиёровна) дар мавзуи «Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) дар кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров иҷро гардидааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр докторанти кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба шумор мерафт.

Довталаби дараҷаи илмӣ Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр соли 2015 факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро хатм намуда, дипломи дараҷаи бакалаврро аз рӯйи ихтисоси «Забони англисӣ» соҳиб гаштааст.

Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратура аз рӯйи ихтисоси "Забони англисӣ" дохил шуда, соли 2019 онро соҳиби дипломи дараҷаи магистр аз рӯйи ихтисоси "Забони англисӣ" гардидааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз 31-уми августи соли 2019, №498 ба ҳайси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) қабул шуда, онро соли 31.08.2022, №504 хатм намудааст.

Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр аз соли 2020 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори фанни забони англисӣ дар факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз 28.11.2019, №4 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров **Юсупова Манзураҷон Ибрагимҷоновна** мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои ҷорӣ ва имтиҳони маҷмуии докторант санаи 6.05.2025 аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дода шудааст.

Диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ, тарҷума ва грамматикаи забони англисии факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, аз 26-уми декабри соли 2025, №5 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи «Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

Мавзуи диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи «Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» мубрам буда, ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳлилу таҳқиқи маҷмуӣ ва низомнокии шаклҳои тасрифнашавандаи феълро фаро гирифта, барои забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ аҳаммиятнок ва саривақтӣ аст ва ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) **мутобиқат** менамояд;

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2021-2025 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503), аз ҷумла, ба масъалаҳои забон, адабиёт ва фарҳанг, амалишавии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 31 августи соли 2019, №438) алоқаманд мебошад.

Теъдоди мақолаҳои нашрнамудаи муаллифи диссертатсия ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мутобиқ мебошанд; Мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияи М.Б. Бахтиёрзода дар ироаи маърӯзаву гузоришҳо дар конференсия ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назарявии ҳайати профессорон ва устодони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсия ва нуктаҳои асосии таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ ва натиҷагириву хулосабарориҳои таҳқиқ дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои онро собит менамоянд.

Ҳаҷми диссертатсия мутобиқи банди 28-и Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ба роҳ монда шудааст.

Саҳми шахсии довталаб дар он зоҳир мешавад, ки мавзуи мазкур бори нахуст дар забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегирад. Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар хусуси моҳияти категорияи тарзи феълӣ ва намудҳои он дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, алоқаи категорияи тарз бо хусусиятҳои луғавӣ - наҳвии феълҳо дар ин ду забон ва доир ба валентнокии ин падидаи забонӣ, ки дар забонҳои муқоисашаванда мушоҳида мешаванд, мулоҳизаронӣ кардааст.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забонҳои типологӣ ва муқобилавӣ) мутобиқат менамояд:

- Бандҳои 31-35-37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар мавзуи «Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» аз муқаддима, 3 боб, хулоса, рӯйхати адабиёт, иборат мебошад.

Ҳар як боби диссератсия фарогири фаслҳо буда, илман номгузорӣ карда шудаанд. Диссертант пиндори гурӯҳе аз муҳаққиқони тоҷику англисро роҷеъ ба пажӯҳишҳои дар самти забоншиносии муқоисавӣ ва масъалаи мавриди таҳқиқ анҷомёфта ёдовар шуда, хулоса мекунад, ки категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ заминаи грамматикии гуногунҷабҳа ва мураккаб мебошад. Он бо луғат, сарф, наҳв ва мантиқ алоқаманд аст ва

илова бар ин, вазифаи махсуси коммуникативӣ дорад. Бинобар қайду ишораҳои унвонҷӯ, категорияи феъл дар забонҳои муқоисашаванда дар асоси муқобил гузоштани шаклҳои тарзи мафъул ба шакли тарзи фоил ба вуҷуд меояд. Дар забони англисӣ се навъи сохтори мафъулӣ ва дар забони тоҷикӣ ду навъи онро фарқ кардан лозим аст. Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар назди худ мақсад гузоштааст, ки баъди зикр кардани масъалаҳои умумии назарӣ ба таҳлили вербалияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, масдар, категорияи тарзи фоил ва мафъули герундий ва категорияи тарзи фоил ва мафъул дар сифатҳои феълии забонҳои муқоисашаванда пардозад.

Дар робита ба ин, ҳадафи кор амиқтар кардани дониш дар соҳаи категорияи тарзи амал, додани интерпретатсияи муқоисавии шаклҳои тарз аз забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва баёни андешаҳои мо дар бораи ҷанбаҳои алоҳидаи категорияи тарз дар забони англисӣ мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3, 68 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**


**1. Эшонқулова, М.Б.** Воситаи имплитситии ифодаи муносибатҳои сабаб ва натиҷа дар қолабҳои масдарӣ ва герундиалӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / М.Б. Эшонқулова // Ахбори ДДҲБСТ. Бахши илмҳои филологӣ. – Хуҷанд, 2020. – №2 (83). – С. 91-96.

**2. Эшонкулова, М.Б.** Значения и функции залоговых форм глаголов таджикского и английского языков [Матн] / М.Б. Эшонкулова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе, 2024. – №2. – С. 125-132.

**3. Эшонқулова, М.Б.** Роҷеъ ба алоқаи категорияи самт бо хусусиятҳои луғавӣ-наҳвии феълҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ [Матн] / М.Б. Эшонқулова // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2024. – №2 (54). – С. 136-142.

**4. Эшонкулова, М.Б.** Comparative analysis beset with tense forms of passive voice in English and Tajik languages [Text] [Матн] / М.Б. Эшонкулова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №3. – С. 157-162.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

**5.** Юсупова, М.И., **Эшонкулова, М.Б.,** К вопросу о синонимии некоторых форм инфинитивов в английском языке и их эквиваленты в таджикском языке [Текст] / М.И. Юсупова, М.Б. Эшонкулова // Успехи гуманитарных наук. – Белгород, 2019. – №8. – С. 204-207.

**6. Эшонқулова, М.Б.** Масдар ва қолаби масдари объектӣ дар забони англисӣ [Матн] / М.Б. Эшонқулова // Саодати рӯзгор: Маводди конференсияи илмӣ бахшида ба солҳои 2019-2021 – "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", иҷрои "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва 70-солагии дотсенти кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ Неъматуллоева Мавлуда Неъматовна. – Хуҷанд, 2019. – №9 (2019). – С. 414-419.

**7. Эшонқулова, М.Б.** Хусусиятҳои феълии масдар дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ [Матн] / М.Б. Эшонқулова // Маводди конференсияи донишгоҳии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Масоили мубрами забоншиносии типологӣ, германӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ". – Хуҷанд, 2020. – №10 (2020). – С. 277-283.

**8. Эшонқулова, М.Б.** О некоторых структурно-семантических особенностях отглогольных существительных в английском языке [Матн] / М.Б. Эшонқулова // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии онлайнӣ дар мавзуи "Муаммоҳои таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои олии касбӣ: вазъи кунунӣ ва дурнамо". – Хуҷанд, 2021. – С. 275-278.

**9. Эшонқулова, М.Б.** Хусусиятҳои таркибӣ-луғавии қолабҳои масдарӣ дар забони англисӣ ва муодилҳои онҳо дар забони тоҷикӣ [Матн] / М.Б. Эшонқулова // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2022. – №1 (017). – С. 205-210.

**10. Эшонқулова, М.Б.** Категорияи самт дар сифатҳои феълии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / М.Б. Эшонқулова // Усулҳои инноватсионӣ дар илми муосир: Маҷмуаи мақолаҳои CLXXV-ум конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ. – М., 2024. – №19 (175). – С. 95-99.

**Ҷаласа қарор қабул кард:**

1. Диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи «Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) кори анҷомёфта ҳисобида шавад;
2. Диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи «Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли

забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ, тарҷума ва грамматикаи забони англисии факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз 26-уми декабри соли 2025, №5 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи забоншиносӣ ва
типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров,
номзади илмҳои филологӣ — Воҳидова Нодира Абдусатторовна

Мудири кафедраи тарҷума ва грамматикаи
забони англисии ДДХ ба номи академик
Б. Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Ҳомидова Мунира Нӯмоновна

**Котиби ҷаласа:**
Муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва
типологияи муқоисавии ДДХ ба номи академик
Б. Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ — Ғафурзода Зебохон

Имзоҳои Н.А. Воҳидова, М.Н. Ҳомидова ва З. Ғафурзода тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров,
номзади илмҳои филологӣ — Сайдуллозода Заррина Сайдулло